Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-014
назди Донишгоҳи давлатии молия ва
иқтисоди Тоҷикистон (734067,
Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе,
кӯчаи Нахимов 64-14)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Муминзода Абдукарим дар мавзуи «Мукаммалгардонии танзими давлатии фаъолияти суғурта дар шароити муосир: назария, методология ва амалия (ҷанбаҳои институтсионалии он)», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз**

Мавзуи таҳқиқот, ки ба масъалаҳои такмили танзими давлатии фаъолияти суғурта бахшида шудааст, аз лиҳози назариявӣ ва амалӣ дар шароити муосири иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим мебошад. Дар шароити муосир, ки иқтисоди миллӣ ба таъсири хатарҳои гуногуни дохилию хориҷӣ дучор мегардад, низоми муассири суғуртавӣ ба сифати як афзори иқтисодии коҳиши таваккал ва ҳифзи манфиатҳои иҷтимоиву молиявии аҳолӣ ва соҳибкорон аҳамияти хос дорад. Аз ин ҷост, ки коркарди масъалаҳои методологӣ ва институтсионалӣ дар соҳаи суғурта саривақтӣ ва ҷолиб арзёбӣ мегардад.

Муаллиф дар автореферат доираи васеи масъалаҳоро фаро гирифта, асосҳои назариявӣ ва методологии танзими давлатии суғурта, зарурати ташаккули механизмҳои муосири идоракунӣ ва назорат, ҳамчунин хусусиятҳои миллӣ ва байналмилалии бозори суғуртаро таҳлил намудааст. Ба таври равшан шарҳ дода мешавад, ки ҷанбаҳои институтсионалӣ дар рушди фаъолияти суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши ҳалкунанда доранд. Таҷрибаи кишварҳои пешрафта дар соҳаи танзими суғуртавӣ таҳлил гардида, имконияти имплементатсияи онҳо бо назардошти шароити иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда мешавад. Пешниҳодҳои мушаххас оид ба баланд бардоштани самаранокии сиёсати давлатии суғурта,

густариши назорати молиявӣ, афзоиши эътимоди аҳолӣ ва соҳибкорон ба ширкатҳои суғуртавӣ ироа шудаанд.

Автореферати диссертатсия дорои навоварии илмӣ буда, ба коркарди механизми институтсионалии такмили танзими давлатии суғурта равона шудааст. Хусусияти интердиссиплинарӣ – истифодаи якҷояи назарияҳои иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва идоракунӣ, ки арзиши методологии тадқиқотро баланд мебардорад. Пешниҳодҳои амалӣ метавонанд дар такмили сиёсати молиявии давлат истифода шуда, барои рушди бозори суғуртаи миллӣ замина фароҳам оваранд.

Муаллиф дар кори худ асосҳои назариявӣ ва методологии танзими давлатии фаъолияти суғуртаро таҳлил намуда, самтҳои муосири такмил ва татбиқи он дар амалияро муайян кардааст. Диссертатсия хусусияти комплексӣ дошта, дар он: моҳият ва зарурати танзими давлатии бозори суғурта аз дидгоҳи назарияи иқтисодӣ ва институтсионалӣ асоснок шудааст; таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ мавриди таҳлили муқоисавӣ қарор гирифтааст; пешниҳодҳои амалӣ оид ба такмили қонунгузорӣ, механизми назорат ва ташаккули муҳити эътимод дар бозори суғурта ироа гардидаанд. Умуман, муаллиф тавонистааст бо такя ба таҳлилҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ хулосаҳои илман асоснок пешниҳод намояд.

Бо вуҷуди мазмуни ғанӣ, дар автореферати диссертатсия баъзе нуқсонҳои ҷузъӣ низ вуҷуд доранд, ки ба сифати онҳо чунинҳоро қайд намудан мумкин аст:

- таҳлили омории муфассал нисбатан маҳдуд буда, истифодаи маълумоти эмпирикӣ бештар зарур буд, зеро ин сифати корро боз ҳам балан менамул;

- робитаи танзими давлатии фаъолияти суғурта бо сиёсати андоз ва буҷетӣ дар сатҳи зарурӣ инъикос наёфтааст;

Ин камбудиҳо характери маҳдуд дошта, ба арзиши умумии илмӣ ва амалӣ таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

Автореферати диссертатсияи «Мукаммалгардонии танзими давлатии фаъолияти суғурта дар шароити муосир: назария, методология ва амалия (ҷанбаҳои институтсионалии он)» тадқиқоти дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ буда, ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба чунин диссертатсияҳо ҷавобгӯ мебошад. Муаллифи он Муминзода Абдукарим сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз арзёбӣ мегардад.

**Тақриздиҳанда:**
д.и.и., профессор, муовини ректор
оид ба робитаҳои байналмилалии
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Ш. Шоҳтемур Самандарзода И.Ҳ.

Дурустии имзои Самандарзода И.Ҳ.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ
ва кадрҳои ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур Қурбонзода А.Х.

*Суроға:*
*734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,*
*ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 146,*
*Тел: +992935014316*
*E-mail: Iskandar-s@mail.ru*